## ТАҚРИЗ

**ба рисолаи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи 07.00.09. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Дар охири даҳаи 7-уми асри XIX бо баракати кашфи Ганҷинаи Амударё ҷамъоварӣ ва каме дертар таҳқиқи сиккаҳои қадими аз ҷануби ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон кашфшуда, ки дар гузашта як ҷузъи муҳимми Бохтару Тохаристон буд, оғоз ёфта, сипас таъсиси осорхонаҳо ва ташкилу пешбурди таҳқиқоти бостоншиносӣ ин равандро боз ҳам такмил дода, боиси ташаккули фонди нумизматии аҳаммияти ҷаҳонидошта дар ҷумҳурӣ мегардад, ки имрӯз зиёда аз 20 ҳазор сиккаи фонди мазкур дар Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ шуда, як миқдори муайяни онро сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёна ташкил медиҳанд. Ҳарчанд сиккаҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ на танҳо барои шинохти муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ, балки барои омӯзиши низомҳои сиёсӣ ва таҳаввулоти фарҳангии замонҳои гуногун нақши калидӣ бозанд ҳам, аз солҳои 30-юми асри XX то чанд соли пеш сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба таври мукаммал дар доираи як диссертатсияи алоҳида таҳқиқ нашуда, феҳристи комили онҳо таҳия нагардида буд. Умуман, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Осиёи Миёна то имрӯз сиккаҳои қадими ягон осорхона ба таври алоҳида ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ ба мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд. Аз ин рӯ, мавзуи **«Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)»** бисёр ҳам мубрам ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Мавзуи диссертатсия давраи таърихии аз асри V пеш аз милод то асри V милодиро фаро мегирад, ки давраи мазкур яке аз муҳимтарин марҳилаҳои ташаккули давлатдорӣ ва низоми иқтисодии шимоли Бохтар-Тахористон мебошад.

Аҳаммияти илмии рисолаи Каримдодзода М.З. пеш аз ҳама дар он аст, ки он таҳқиқи сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии

Тоҷикистонро фаро мегирад ва як халои илми сиккашиносиро дар Осиёи Миёна пур мекунад. Ин сиккаҳо аз чанд ҷиҳат дорои аҳаммияти калони илмӣ мебошанд. Якум, қисми муҳимми сиккаҳои қадим дар ҷараёни ковишҳои бостоншиносӣ аз ҳудуди ёдгориҳои таърихии ҷумҳурӣ кашф гардидаанд, ки ин омил имкон медиҳад, то роҷеъ ба муайян намудани қабатҳои мадании шаҳрҳо, вазъи иқтисодии бошандагони онҳо ва рушди муомилоти пулӣ маълумоти муҳимми таърихӣ ба даст ояд. Дуюм, дар таркиби сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллӣ ганҷинаҳои хурду калон мавҷуд аст, ки ин ҳолат арзиши илмии таҳқиқотро бамаротиб зиёд мегардонад.

Муҳиммияти дигари кори илмӣ дар он аст, ки муҳаққиқ хондан ва шарҳ додани навиштаҷоти 2780 сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагӣ, муайян кардани мансубияти онҳо, хондани номи шоҳон, эзадҳо ва дигар вижагиҳои сиккаҳоро, ки кори хеле мушкил ва заҳматталаб мебошад, ба таври мукаммал анҷом дода, аз ӯҳдаи ин кор ба хубӣ баромадааст. Феҳристи сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ки онро унвонҷӯ дар дараҷаи баланди ҳирфавӣ тартиб додааст, дастоварди муҳимми илмӣ мебошад. Бинобар ҳаҷми хеле калон, 454 саҳифа буданаш феҳрист ба рисола замима карда шудааст.

Рисола заминаи боэътимоди илмӣ дорад. Он дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ки маълумоти гуногуни сиккашиносӣ ва таърихиро дар бар мегирад, навишта шудааст. Барои тақвияти маълумоти дар ин сиккаҳо ҷойдошта ва кушодани паҳлуҳои нави мавзуи таҳқиқ, унвонҷӯ аз сарчашмаҳои қадиму асримиёнагӣ, китобу мақолаҳои олимони ватаниву хориҷӣ ва бойгонии ҷории Осорхонаи миллӣ ба қадри зарур истифода бурдааст.

Дар рисола масъалаҳои муҳимми марбут ба сиккашиносии аҳди қалим ва аввали асримиёнагӣ, аз ҷумла сикказанӣ ва муомилоти пулӣ дар Бохтари қадим дар асрҳои V пеш аз мелод ва V мелодӣ таҳқиқ шудаанд. Бобҳои рисола мазмунан ва мантиқан бо ҳам пайваст буда, мавзуи таҳқиқшавандаро дуруст ва хуб инъикос мекунанд. Яке аз бахшҳои муҳимми рисола муайян кардани таркиби сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон мебошад. Унвонҷӯ муайян кардааст, ки дар таркиби ин сиккаҳо 1

силки ҳахоманишӣ, 4 сиккаи Искандари Макдунӣ (1 статер, 1 тетрадрахма, 1 драхмаи нуқрагӣ, 1 драхмаи мисӣ), 1 тедрадрахмаи слевкӣ, 1 драхмаи юнонӣ-ҳиндуӣ, 1 статери римӣ, 112 сиккаҳои юнонӣ-бохтарӣ (1 тетрадрахмаи нуқрагӣ, 1 драхмаи нуқрагӣ, 14 тетрадрахмаи мисӣ, 10 драхмаи мисӣ, 53 халк, 31 оболи нуқрагӣ, 2 оболи мисӣ), 3 адад сиккаи ашконӣ 2 драхмаи нуқрагӣ, 1 драхмаи мисӣ), 2551 адад сиккаи кушонӣ (11 динор, 2 тедрадрахма, 1330 тедрадрахмаи мисӣ, 871 драхмаи, 279 дидрахмаи мисӣ, 20 гемидрахмаи мисӣ, 38 оболи нуқрагӣ), 18 адад драхмаҳои мисии кушонӣ-сосонӣ, 39 адад драхмаҳои мисии сосонӣ-кушонӣ ва 49 адад драхма ва 1 пашизи сосонӣ мавчуд аст.

Бахши дигари рисола ба таснифи сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз рӯйи навъашон бахшида шудааст. Дар таркиби сиккаҳо 1 навъ сиккаи ҳахоманишӣ, 4 навъ сиккаи юнонӣ, 1 навъ сиккаи селевкӣ, 6 навъ сиккаи Юнону Бохтар, 2 навъ сиккаи ашконӣ, 6 навъ сиккаи кушонӣ, 2 навъ сиккаи кушонӣ-сосонӣ ва 2 навъ сиккаи сосонӣ маҳфузанд. Дар сиккаҳои юнонӣ эзади Зевс ва Ника, дар сиккаҳои юнонӣ-бохтарӣ панҷ шоҳ – Диодот I, Демертий I, Евтидем I, Евтидем II, Евкратид ва сиккаҳои пайравонаи ду шоҳи юнонӣ-бохтарӣ Евкратид ва Ҳелиокл, дар пушти сиккаҳои юнонӣ-бохтарӣ Зевс, эзадони юнонӣ бародарони дугоник диоскурҳои аспсавор ва ҳайвонҳо паланг ва асп, дар сиккаҳои ашконӣ ду шоҳ Фарҳоди IV ва Меҳрдоди II, дар сиккаҳои кушонӣ 7 шоҳи кушонӣ – Ҳерай, Куҷула Кадфиз, Вима Такту(Сотер Мегас), Вима Кадфиз, Канишкаи I, Ҳувишка, Васудева ва сиккаҳои пайравонаи се шоҳи кушонӣ Ҳувишка, Васудева ва Канишкаи III, дар пушти сиккаҳои кушонӣ 6 эзади зардуштӣ – Нана, Атшо-Оташ, Вадо-Бод, Мао - Моҳ, Митро-Меҳр, Ардохшо, як эзади юнонӣ – Серапис, як эзади ҳиндӣ - Шиваи чаҳордаста ва дудаста дар назди говмеш Нандӣ ва Буддо тасвир шудааст. Аз рӯйи навъ табақабандии сиккаҳо низ як дастоварди хуби илмӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ дар ҷараёни пажуҳиш доир ба сиккаҳои қадим маводи нави нумизматиро ба доираи илмӣ ворид намуда, инчунин намунаҳои нав ва то ҳол таҳқиқнашудаи сиккаҳоро муайян сохтааст.

Хулоса, унвонҷӯ Каримдодзода М.З. аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ба хубӣ баромада, рисола дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Хулосаҳои муаллиф муҳим ва асоснок мебошанд. Омӯзиши сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон дастоварди муҳим дар сиккашиносии Тоҷикистон мебошад.

Дар умум рисолаи илмии Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)» ба талаботи навиштани рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, ӯ сазовори дараҷаи илмии номзади илми таърих мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**Сардори шуъбаи илм ва техникаи**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ,**
**номзади илми таърих** **Шарифзода А.Қ.**

**"Имзои Абдувалӣ Шарифзодаро тасдиқ менамоям"**

**Мудири шуъбаи кадрҳои ИТБМ ба**
**номи А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**

01.07.2025.